# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ барои берун аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ истифода намудани воситаҳои нақлиёте, ки барои зарурати истеҳсолӣ ва хизматӣ ба ҳудуди минтақа ворид гардида, дар низоми гумрукии "Минтақаи озоди гумрукӣ" ба расмияти гумрукӣ дароварда шудаанд, иҷозат дода шавад.

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯ ва миқдори воситаҳои нақлиёти берун аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ истифодашавандаро дар мувофиқа бо Хадамоти гумрук ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ намояд.

3. Назорати истифодаи мақсадноки воситаҳои нақлиёти субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба зиммаи маъмуриятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақомоти дар банди 2 қарори мазкур дарҷгардида вогузор карда шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

аз 29 сентябри соли 2020 № 529

ш. Душанбе